## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзӯи«Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ

Яке аз мавзӯъҳои умуман тадқиқнашудаи фразеологияи тоҷик масъалаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолабу ҳамсохтор мебошад. Воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар баробари сохтори грамматикии муайян, ки аз рӯйи қолабҳои ҷудогона тарҳрезӣ шудааст, боз ба падидаҳои сохториву маъноии шакли грамматикӣ, гунанокӣ, муродофиот ва мутазодот робита доранд. Муқаррар намудани мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар байни ин гурӯҳҳои ба ҳам мушабеҳ, хосатан, воҳидҳои фразеологие, ки аз рӯйи як қолаби умумӣ ва ҷузъҳои якхела ба вуҷуд омадаанд, дар илми забонишносии мо на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, он ҳамчунин қимати беандозаи амалӣ дошта метавонад. Диссертатсияи анҷомдодаи С.П.Одинаев «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ» то андозане ба ҳалли мусбии ин ҳама масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик мусоидат карда метавонад.

Диссертатсияи мавриди назар аз қисматҳои муқаддима, се боб, хулосаҳои муфассал ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 164 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

Дар боби аввали диссертатсия – «Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории забони адабии муосири тоҷикӣ» ба масъалаҳои моҳияти лингвистии воҳиди фразеологӣ, нишонаҳои фарқкунандаи аввалиндараҷаву дуюмдараҷа ва сохтори ниҳоят мураккаби онҳо таваққуф карда мешавад.

Боби II –и рисола – «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарин онҳо» ба муқаррар намудани моҳияти лингвистии ин навъи воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст. Ба фикри диссертант, воҳиди фразеологии ҳамқолаб чунин падидаи сохториест, ки ҷузъҳои таркибии он вазифаҳои гуногун доранд. Яке аз онҳо дар ташкили мафҳумии ифода саҳм гирифта, қисмати боқимонда обуранги бадеӣ ё тобиши образноки онро таъмин менамоянд. Масалан, дар ҷумлаи устувори **бӯйи *чизе* омад** ҷузъи чизе калимаи ивазшаванда аст ва дар мавридҳои зарурӣ бо калимаҳои дигари мушаххас иваз мешавад ва ба ифода маънои дигареро зам мекунад. Чунончи, бӯйи ҳасуд омад – «муносибати ҳасаднок

кардан», бӯйи ҷанг омад – «нияти ҷанг кардан доштан», бӯйи ранҷиш омад – «ранҷидани худро изҳор кардан ва ғайраҳо.

Ба ҷумлаи нишонаҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб: а) ивазшавандагии яке аз ҷузъҳо; б) сохтори ягонаи ҳамаи қолабҳои тавлидёбанда; в) таҷассуми образи умумӣ дар ҳамаи нусхаҳои қолаби фразеологӣ; г) гоҳе бо гунаҳо ва муродифоти луғавӣ иваз шудани ҷузъҳои доимии қолаб номбар карда шудаанд.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз рӯйи таркиби лексикиву грамматикиашон ба навъҳои дуҷузъа ва бисёрҷузъа тасниф мешаванд. Ҳамқолабҳои дуҷузъа дар дар забони адабии муосири тоҷикӣ нисбатан камтар ба назар мерасанд. Барои забони адабиамон бисёртар ҳамқолабҳои бисёрҷузъа хосанд.

Дар фуроварди боб усулҳои фарқ намудани воҳидҳои фразеологӣ аз гунаҳои фразеологӣ оварда шуда, дар байни ин ду падидаи фразеологӣ ҳудуди қотеъ гузошта шудааст.

Боби III–и диссертатсия - «Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ» ба масъалаи тафовути байни ин гурӯҳи сохторӣ аз муродифот ва мутазодоти фразеологӣ бахшида шудааст. Дар ин робита дуруст таъкид карда мешавад, ки бисёр вақт аз ҷониби муҳаққиқон дар байни ҳамқолабҳои фразеологӣ ва муродифоти фразеологӣ фарқ гузошта намешавад. Ҳоло он ки бо вуҷуди умумияти баъзе аз ҷиҳатҳои ин гурӯҳҳо дар байни онҳо тафовутҳои ҷиддӣ низ мушоҳида мешаванд.

Айнан ҳамин тавр дар байни воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва мутазодоти фразеологӣ тафовут гузошта шудааст.

Дар фасли хулосаҳои рисола натиҷагириҳои муаллиф хеле ботафсил ҷамъбаст карда шудаанд ва дар феҳрасти адабиёт номгӯи сарчашмаҳои истифодашуда оварда мешаванд.

Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар тадқиқи мавзуи мавриди назар гузошта буд, иҷро гардидаанд. Қайду мулоҳизаҳо

дар муддати ҳамкории дуҷониба аз тарафи муаллиф ба назар гирифта, ислоҳ карда шуданд. Натиҷаҳои тадқиқ, хосатан, муқаррар намудани моҳияти лингвистии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, нишонаҳои фарқкунандаи онҳо ва тафовути ин гурӯҳи сохторӣ аз падидаҳои гунаҳо, муродифотва мутазодоти фразеологӣ бешубҳо навовариҳои назарраси назарраси илмӣ буда метавонанд ва дар ҳалли масъалаҳои дигари тадқиқнашудаи фразеологияи тоҷик истифода хоҳанд шуд. Тадқиқоти мазкур ҳамчунин дар таҳияи луғатҳои мухталафи фразеологӣ, китобҳои дарсӣ ва дастуру нишондодҳои таълимӣ оид ба фразеология саҳми арзишманде гузошта метавонад.

Диссертатсияи С.П.Одинаев «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ»-ро дар маҷмӯъ тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва муаллифи онро барои дифои рисолаи худ ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология пешниҳод менамоям.

Мудири шуъбаи забонҳои ориён ва бостони Институти забону адабиёти Рӯдакии АМИТ н.и.ф., дотсент — Мирбобоев А

Имзои А.Мирбобоевро тасдиқ мекунам.

Нозири калон оид ба кадрҳои Институти забону адабиёти Рӯдакии АМИТ — Назриқулова Ҳ.